«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.____________
«30» 06 соли 2025

# ПРОТОКОЛИ №10
## ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «28» 06 соли 2025 шаҳри Душанбе

**Раис:** н.и.ҳ., дотсент Қодиров Ҷ.Ш.
**Котиб:** Неъматова М.А.

**Иштирок доштанд:** профессор Имомов А., д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С., д.и.ҳ., профессор Маъруфӣ Р.Н., д.и.ҳ., дотсент Соибов З.М., д.и.ҳ., дотсент Якубзода С.Н., н.и.ҳ., дотсент Ойев Х., н.и.ҳ. дотсент Сулаймонзода М.С., н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ., н.и.ҳ., дотсент Салоҳидинова С.М., н.и.ҳ., дотсент Камолов Ш.Ҳ., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С., н.и.ҳ., дотсент Қодиров Ҷ.Ш., н.и.ҳ., дотсент Наимзода Б.Ғ., н.и.ҳ., дотсент Шерализода Ҷ.Ш., н.и.ҳ., дотсент Имомов Ҳ.Ш., н.и.ҳ., муаллими калон Абдулаҳадзода С.А., муаллими калон Саиданварзода Қ.Ҷ., муаллими калон Муродзода У.У. ва лаборанти калони кафедра Неъматова М.А.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**Муҳокимаи Диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.**

**Мушовири илмӣ:** Диноршоҳ Азиз Мусо – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалӣ филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳимият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода айд намуд, ки аҳаммияти таҳқиқи вазъи ҳуқуқӣ–конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо маҷмуи омилҳое муайян мегардад, ки бо хусусиятҳои

махсуси сиёсӣ, иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҳуқуқии минтақа иртибот доранд. Осиёи Марказӣ кишварҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Узбекистонро дарбар гирифта, минтақаи махсуси геополитикӣ ва фарҳангӣ–иҷтимоӣ мебошад, ки бо анъанаҳои таърихӣ–фарҳангӣ ва гузаштаи умумии қадима ва замони шуравӣ тавъам мебошанд. Дар баробари ин, гуногунии назаррас дар самтҳои ташаккул ва фаъолияти низоми идоракунии давлатӣ ба назар мерасанд.

Аз як тараф, кишварҳои минтақа дорои хусусиятҳои умумӣ мебошанд, ки аз замони қабл аз шуравӣ ва даврони шуравӣ боқӣ мондаанд, аз ҷумла истифодаи мутамарказии идоракунӣ ва таъсири назарраси давлат ба соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти иҷтимоӣ. Аз тарафи дигар, ҳар як давлат роҳи рушди низоми сиёсии худро интихоб кардааст, ки ба ташаккулёбии навъҳои гуногуни ҳамкории шохаҳои ҳокимият ва муайян намудани нақши сарвари давлат дар идоракунӣ оварда расонидааст. Дар маҷмуъ, ин гуногунӣ минтақаи Осиёи Марказиро ҳамчун як объекти ҷолиби таҳлили қиёсии ҳуқуқӣ оварда расонидааст.

Бояд қайд кард, ки ба даст овардани истиқлоли давлатӣ аз ҷониби ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, шароити буҳрони амиқи иқтисодӣ ба вуқуъ пайваст, ки ин дар навбати худ бо фурӯпошии идеологияи давлатӣ, азбайнравии низоми сиёсии якҳизбӣ ва авҷ гирифтани низоъҳои дохилӣ оварда расонид. Ин давра бо тақвияти назарраси нуфузи сиёсие, ки кишварҳои ғарбӣ дар ин минтақа пайдо карданд, хос буд. Таҷрибаи сиёсӣ ва конститутсионии кишварҳои ғарбӣ ҳамчун намунае қабул шуд, ки барои истифодаи он дар минтақа омили асосӣ маҳсуб меёфт.

Дар чунин шароити мураккаб ва ноустувор, тааҷҷубовар нест, ки дар ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ғояҳо, принсипҳо ва консепсияҳо, ки аз низомҳои демократии ғарбӣ гирифта шудаанд, босуръат паҳн шуданд. Яке аз хусусиятҳои калидии ин таъсир қабули он принсипҳое буд, ки қаблан ба сабабҳои идеологӣ рад шуда буданд, аз ҷумла консепсияи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ. Ин принсип, ки таҳкурсии демократияҳои ғарбиро ташкил медиҳад ва ҷудоии возеҳи салоҳиятро миёни шохаҳои гуногуни ҳокимият пешбинӣ мекунад, ки барои низоми мутамаркази шуравӣ бегона буд.

Шароитҳои зикршуда боис гардиданд, ки таҳаввулоти пасошуравӣ дар Осиёи Марказӣ бо ҷустуҷӯи роҳҳои нави идоракунии давлатӣ пайдо гардид, ки дар он ҷой додани мақоми сарвари давлат ба унсури марказии низоми сиёсӣ табдил ёфт. Ба ибораи дигар, дар солҳои аввали истиқлоли давлатӣ андешаи таъсиси сарвари ягонаи давлат – Президент аҳаммияти муҳим пайдо намуд. Ин мансаб, ки ба таври фаъол аз амалияи сиёсии ғарбӣ гирифта шудааст, ҳамчун унсури зарурии идоракунии самаранок ва устувории ҳокимияти давлатӣ дар шароити гузариши давра шинохта шуд. Таъсиси ниҳоди президентӣ нишони дур шудан аз назари дастаҷамъонаи идоракунӣ, ки барои низоми шуравӣ хос

буд, гузариш ба модели шаклгирифта ва мутамаркази роҳбарӣ асос ёфта, тавонист устуворӣ ва пайвастагии лозимро дар идоракунии давлатҳои нави мустақил таъмин намояд. Чунон ки таҳлили амалияи минбаъдаи фаъолияти ин ниҳод дар як қатор кишварҳои минтақа нишон медиҳад, он воқеан ҳамчун кафили устувории сиёсӣ ва самти стратегии рушди кишварҳо баромад мекунад, ки зарурати омӯзиши амиқи вазъи ҳуқуқӣ–конститутсионии сарвари давлатро дар ҷанбаи сохтмони давлатии муосир ва мутобиқсозии онро бо аҳаммияти имрӯза таъкид мегардад.

Дар натиҷа, кишварҳои минтақа фаъолона унсурҳои таҷрибаи ғарбиро ба низомҳои конститутсионии худ ворид намудаанд, то ба воқеиятҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ гарданд ва имкони суръат бахшидани раванди демократия ва эъмори давлатро пайдо намояд. Дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда, нуқтаҳои калидӣ барои гузаронидани таҳлили муқоисавии фаъолияти ниҳоди сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ муайян карда шуданд.

Аввалан, ин низомҳои сиёсӣ дар марҳилаи гузариш ва хусусиятҳои рушди онҳо мебошанд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ аз марҳилаҳои таҳаввулоти амиқ, аз соли 1991 ва пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ гузаштаанд. Ин давраи гузариш бо ташаккули низомҳои нави сиёсӣ ҳамроҳ буда, дар онҳо ниҳоди президентӣ нақши асосиро ишғол кардааст. Омӯзиши вазъи ҳуқуқии Президент имконияти фаҳмиши моделҳои ҳокимияти президентӣ ва мутобиқшавӣ ба шароитҳои нодири ҳар як кишвари минтақа боис мегардад.

Дуюм, таъсири президенсиализм ба субот ва рушд. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши Президент одатан аз доираи анъанавии ҳокимияти иҷроия берун меравад. Президент аксар вақт ҳамчун кафили субот, ҳамгироии ҷамъият ва субъекти асосии қабули қарорҳои стратегӣ амал мекунад. Таҳлили вазъи ҳуқуқии ин ниҳод имкон медиҳад, ки таъсири онро ба суботи сиёсӣ, рушди падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва риояи меъёрҳои демократӣ арзёбӣ намоем.

Сеюм, гуногуншаклии навъҳои ҳокимияти президентӣ. Дар таҳқиқоти мазкур кӯшиш карда шудааст, ки навъҳои муосири ҳокимияти президентӣ дар кишварҳои минтақа ва хусусиятҳои якҷоя фарққунанда муайян шаванд. Таҳлили муқоисавии ин моделҳо ба фаҳмиши ҷиҳатҳои мусбат ва манфии равишҳои гуногуни идораи давлат мусоидат мекунад.

Чорум, хатарҳои байналмилалӣ ва минтақавии мавҷуда. Ҷаҳонишавӣ, рақобати афзояндаи геополитикӣ ва таҳдидҳои фаромиллӣ, ба монанди экстремизм, терроризм, аз даст додани худшиносӣ ва танаввуи таърихӣ, мушкилоти экологӣ (аз ҷумла мушкилоти баҳри Арал, обшавии пиряхҳо) ва ғайра, вазифаҳои навро пеши роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ мегузоранд. Нақши Президент дар ташкили сиёсати хориҷӣ, таҳкими мудофиавӣ ва устувории иқтисодии минтақа хеле муҳим мегардад.

Панҷум, дар кишварҳои минтақа, ниҳоди сарвари давлат дар тамоми марҳилаи истиқлоли давлатҳо дар раванди тамоюл ва таҳаввулот қарор дошт, ки дар баъзе кишварҳо ислоҳоти ҳуқуқӣ–конститутсиониро ба вуҷуд овардаанд. Дар солҳои охир бисёр кишварҳои минтақа ислоҳоти конститутсионӣ мегузаронанд, ки ба тағйири сохтори ҳокимияти давлатӣ ва тақсимоти ваколатҳо равона шудааст. Ин саволҳоро дар бораи нақши Президент дар ин тағйирот, аз ҷумла саволҳо дар бораи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон, шаффофияти ҳокимият ва дигар ҷанбаҳои фаъолиятҳои ин ниҳод пеш меорад.

Шашум, бо дарназардошти гуногунҷанбаи мавзуи таҳқиқот, аз рӯйи таъйиноти амалии худ, омӯзиши масоили муносибати Президент бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, тартиби таъйин ва баргузории интихоботи Президент, муқаррар намудани доира ва мазмуни ваколатҳои қонунгузории Президент, муносибати онҳо бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва фаъолияти меъёрэҷодкунии Президент ба мадди аввал гузошта мешавад. Дар аҳаммияти амалӣ омӯзиши масъалаҳои муносибати Президент бо Ҳукумат, иштирок дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, таносуби салоҳияти Президент ва Ҳукумат ҳамчун мақоми ҳокимияти иҷроия ва як қатор масъалаҳои дигар махсусан муҳим аст.

Бо ин васила, таҳқиқи вазъи ҳуқуқӣ–конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам вижагиҳои моделҳои миллии идоракунӣ ошкор карда шаванд, ба онҳо аз нигоҳи мутобиқати ин навъҳо бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва меъёрҳои демократӣ баҳо дода шавад, инчунин роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии ин ниҳод низ пешниҳод гарданд. Ба ибораи дигар, таҳқиқи вазъи ҳуқуқӣ–конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ имкони фаҳмиши амиқтари механизмҳои фаъолияти ҳокимият дар минтақа, арзёбии мутобиқаташон бо принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд ва таҳияи тавсияҳо барои муътадилии навъҳои идоракуниро фароҳам меорад. Ин мавзуъ на танҳо барои ҳуқуқшиносии минтақавӣ, балки барои ҳуқуқшиносии ҷаҳонӣ низ муҳим аст, зеро он ба рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ дар шароити давлатҳои пасошуравӣ мусоидат менамояд.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён ба унвонҷӯ Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо ӯ ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан, мушовири илмии унвонҷӯ Диноршоҳ Азиз Мусо баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории ӯ сухан ронд, изҳор дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди илмӣ дорад, таҳқиқи диссертатсионии ӯ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзӯъ барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир, аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Азиззода У.А., Гадоев Б.С. ва Маъруфӣ Р.Н. баромад намуда, диссертасияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоят тавсия намуданд.

Дар муҳокимаи диссертасия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Соибов З.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ойев Х. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Қодиров Ҷ.Ш. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертасия муҳимияти мавзӯи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзӯи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки муҳаққиқи ҷавон пурмасъул буда, муаллифи 48 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертасия, нисбат ба мавзӯи унвонҷӯ ва додани баҳогузории дақиқ, ки дар амалӣ истифода шуданашон ба тавсияҳои марбут ба вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Бо ин васила, ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра (шуъба), ки дар асоси баромадҳо омода шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими

ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 28-уми июни соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: 18 нафар, аз ҷумла, 4 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 12 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар ассистент.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – 0 нафар,«бетараф» – 0 нафар.

**Раиси ҷаласа** **Ҷ.Ш. Қодиров**

**Котиби ҷаласа** **М.А. Неъматова**

Имзои Ҷ.Ш. Қодиров ва М.А. Неъматоваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Шодихонзода

«28» 06 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj